Лоиҳа

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.166, №6, мод.429; с.2010, №3, мод.158; с.2011, №6, мод.452; с.2012, №8, мод.834, №12, қ.1, мод.1008; с.2013, №7, мод.542, №12, мод.905; с.2014, №7, қ.2, мод.425; с.2015, №12, қ.1, мод.1106; с.2016, №3, мод.156; с.2017, №1-2, мод.28, мод.29, №5, қ.1, мод.290; с.2018, №7-8, мод.526; с.2019, №4-5, мод.225; с.2020, №1, мод.18; с.2023, №11, мод.423) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати сеюм калимаи «Конститутсияи» ба калимаҳои «Конститутсия ва қонунгузории» иваз карда шаванд;

- сархати дувоздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- Феҳристи хизматчиёни давлатӣ – махзани электронии маълумот оид ба ҳайати микдорӣ ва сифатии хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ, ки дар асоси маълумоти парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ бо мақсади таъминоти иттилоотии хизмати давлатӣ ва таҳкими фаъолияти хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ тартиб дода мешавад ва маълумоти мазкур барои истифодаи хизматӣ дар низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ ҷойгир, идора ва ҳифз карда мешавад.»;

- дар сархати сенздаҳум калимаи «шудан» хориҷ карда шуда, калимаи «мансаби баландтари» ба калимаи «дигар мансаби» иваз карда шавад;

- дар сархати ҳабдаҳум калимаи «номзадҳо» ба калимаи «довталабон» иваз карда шавад;

- дар сархати ҳаждаҳум калимаҳои «сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ» ба калимаҳои «сатҳи донишҳо, омодагии касбӣ ва қобилияти корӣ» иваз карда шаванд.

2. Дар сархати понздаҳуми қисми 1 моддаи 6 калимаҳои «мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи» ба калимаҳои «дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 8:

- ба сархати дуюми қисми 2 пеш аз калимаи «санадҳои» калимаи «лоиҳаи» илова карда шавад;

- сархати понздаҳуми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- Дастурамал дар бораи сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;»;

- дар қисми 2 сархати бисту дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- тартиби гузаронидани омӯзишҳои идоравии хизматчиёни давлатиро тасдиқ менамояд;»;

- дар қисми 3 калимаҳои «ва сохтори» ба калимаҳои «, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми 3 моддаи 11:

- сархати дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- собиқаи умумӣ, собиқаи хизмати давлатӣ;»;

- сархати чорум хориҷ карда шавад;

- сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- донистани забонҳои хориҷӣ;».

5. Дар моддаи 14:

- дар қисми 1 калимаҳои «хизматчиёни» ва «дахлдори давлатӣ» мувофиқан ба калимаҳои «хизматчии» ва «давлатии дахлдор» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «хизматчиёни давлатӣ ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои ба он дӯхташавандаро,» ба калимаҳои «хизматчии давлатиро» иваз карда шавад.

6. Дар моддаи 15:

- дар сархати панҷуми қисми 1 калимаи «эътироф» ба калимаи «риоя» иваз карда шавад;

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Тартиби савганд ёд кардани хизматчии давлатиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ менамояд.».

7. Моддаи $15^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи $15^1$. Шаҳодатномаи хизматӣ ва нишони сарисинагии хизматчии давлатӣ

1. Ба хизматчии давлатӣ шаҳодатномаи хизматӣ, ки ҳуҷҷати расмӣ буда, шахсият ва мансаби ишғолнамудаи ӯро тасдиқ мекунад ва нишони сарисинагӣ дода мешавад.

2. Низомнома дар бораи шаҳодатномаи хизматӣ ва нишони сарисинагии хизматчии давлатӣ ва шакли онҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.».

8. Дар моддаи 16:

- сархати ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 27, сархатҳои якум, чорум ва панҷуми моддаи 28, қисми 2 моддаи 29 ва моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад;»;

- ба модда эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Эзоҳ: Талаботи сархати ҳаштуми моддаи мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани он ба мансабҳои давлатӣ таъин (интихоб) шудаанд, татбиқ намегардад.».

9. Моддаи 19 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 19. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ

1. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти иловагӣ дар асоси фармоиши давлатӣ дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос сурат мегирад.

2. Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.».

10. Дар қисми 2 моддаи 20 калимаҳои «Тартиб ва шартҳои» ба калимаи «Тартиби» иваз карда шавад.

11. Моддаи 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Тартиби пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатӣ, ки маълумот оид ба ҳайати миқдорӣ ва сифатии хизматчиёни давлатии мақомоти давлатиро дар бар мегирад ва Тартиби пешбурди низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ муқаррар карда мешаванд.».

12. Дар сархати панҷуми қисми 1 моддаи 23 калимаҳои «анъана ва ҷашну маросимҳо» ба калимаҳои «ҷашну маросим» иваз карда шавад.

13. Дар моддаи 28:

- ба ҷумлаи якуми қисми 2 пас аз калимаи «давлатӣ,» калимаҳои «ба истиснои хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ,» илова карда шаванд;

- дар қисми 3 баъд аз калимаи «сиёсӣ» калимаҳои «ва маъмурии категорияи олӣ» илова карда шуда, калимаи «низ» хориҷ карда шавад.

14. Дар сархати чоруми қисми 1 моддаи 34 калимаҳои «таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус» ба калимаҳои «-тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос» иваз карда шаванд.

15. Дар қисми 2 моддаи 35 дар сархати чорум аломати нуқтавергул (;) ба аломати нуқта (.) иваз карда шуда, сархати панҷум хориҷ карда шавад.

16. Ба моддаи 37 қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.».

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асосноккунии
лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади иҷрои банди 7 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222) ва дар маҷмӯъ барои такмили Қонуни мазкур ва бо шароити муосир мувофиқ намудани он таҳия карда шудааст.

Аз ҷумла, дар сархати сеюми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мафҳуми мансаби давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки тибқи он мансаби давлатӣ - воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси на ҳамаи мансабҳои давлатӣ пешбинӣ шуда, танҳо баъзе аз мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда шудаанд. Мансабҳои давлатӣ ҳамчунин тибқи қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда шудаанд. Дар робита ба ин бо мақсади пурра ва дуруст ифода намудани мафҳуми мансаби давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати сеюм калимаи «Конститутсияи» ба калимаҳои «Конститутсия ва қонунгузории» иваз карда шаванд.

Дар сархати дувоздаҳуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ гардидааст, ки маълумот ва иттилооти феҳристи хизматчиёни давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти дорои сирри давлатӣ мансуб мебошад. Номгӯйи маълумоти ба сирри давлатӣ мансуббударо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» муайян менамояд ва дар он маълумотҳои миқдорӣ ва сифатии хизматчиёни давлатӣ, ки дар асоси онҳо феҳристи хизматчиёни давлатӣ тартиб дода мешавад, пешбинӣ карда нашудааст.

Дар як вақт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2018, №1537 «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти вобаста ба ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумоти шахсиро муайян менамояд.

Бинобар ин ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумот оид ба теъдоди умумӣ ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ, ки дар асоси шарҳи ҳол ва фаъолияти касбии хизматчиёни давлатии алоҳида тартиб дода мешаванд, маълумоти дорои сирри давлатӣ набуда, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» ба танзим даровarда мешаванд.

Тибқи қонунгузории Федератсияи Россия низ маълумоти феҳристи хизматчиёни давлатӣ ба маълумоти сирри давлатӣ мансуб набуда, танҳо аз дастрасии беиҷозат ҳифз карда мешавад. Дар қонунгузориҳои хизмати давлатии дигар кишварҳо (Беларус, Қазоқистон, Ўзбекистон ва Қирғизистон) оиди ба сирри давлатӣ мансуб будани маълумотҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ меъёрҳо мавҷуд нест.

Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки сархати дувоздаҳуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири зерин ифода шавад: «- Феҳристи хизматчиёни давлатӣ – махзани электронии маълумот оид ба ҳайати миқдорӣ ва сифатии хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ, ки дар асоси маълумоти парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ бо мақсади таъминоти иттилоотии хизмати давлатӣ ва таҳкими фаъолияти хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ тартиб дода мешавад ва маълумоти мазкур барои истифодаи хизматӣ дар низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ ҷойгир, идора ва ҳифз карда мешавад.»;

Мафҳуми талаботи тахассусӣ дар сархати сенздаҳуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи он талаботи тахассусӣ - талаботе, ки бо мақсади муайян кардани тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба мансаби мушаххаси давлатии хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизматӣ пешниҳод карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки талаботи тахассусӣ на танҳо ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ ва барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизмати давлатӣ муқаррар карда мешавад, балки ҳангоми гузаштан ба мансаби пасттар ё баробар низ бояд риоя карда шавад. Дар робита ба ин ҷиҳати пурра ифода намудани мафҳуми талаботи тахассусӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати сенздаҳум калимаи «шудан» хориҷ карда шуда, калимаи «мансаби баландтари» ба калимаи «дигар мансаби» иваз карда шавад.

Дар сархати ҳабдаҳуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» калимаи «номзадҳо» ба калимаи «довталабон» иваз карда мешавад, зеро дар дигар моддаҳои Қонуни мазкур (моддаҳои 11, $17^1$, 31) калимаҳои «довталаби» ва «довталабони» истифода шудааст.

Бо мақсади пурра ифода намудани мафҳуми аттестатсия, ки дар сархати ҳаждаҳуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ифода карда шудааст, пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати ҳаждаҳуми моддаи 1 калимаҳои «сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ» ба калимаҳои «сатҳи донишҳо, омодагии касбӣ ва қобилияти корӣ» иваз карда шаванд.

Дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» доираи амали Қонуни мазкур муқаррар карда шуда, дар қисми 1 моддаи мазкур номгӯйи мақомоти давлатӣ пешбинӣ шудааст. Бо мақсади дуруст ифода намудани номи мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати понздаҳуми қисми 1 моддаи 6 калимаҳои «мақомоти дигари

марказии ҳокимияти иҷроияи» ба калимаҳои «дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии» иваз карда шаванд.

Дар асоси сархати дуюми қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро таҳия намуда, бо тартиби муқарраргардида ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санади меъёрии ҳуқуқӣ - ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро мукаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад. Бинобар сабаби он ки санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷати қабулгардида аст, аз ин хотир, пешниҳод карда мешавад, ки ба сархати дуюми қисми 2 моддаи 8 калимаи «лоиҳаи» илова карда шавад, зеро Агентии хизмати давлатӣ лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, таҳия ва тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод менамояд.

Тибқи сархати понздаҳуми қисми 2 моддаи 8 ва қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ талаботи тахассусиро нисбат ба категорияҳои хизматчиёни давлатии маъмурӣ таҳия ва тасдиқ мекунад. Ба ғайр аз ин дар қисми 4 моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ муайян карда мешавад. Бо мақсади таъмини мувофиқати байни ин меъёрҳо ва муайян намудани номи санади қабулшаванда, пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати понздаҳуми қисми 2 моддаи 8 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «- Дастурамал дар бораи сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;».

Бояд тазаккур дод, ки дар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои хизматчиёни давлатӣ омӯзишҳои идоравӣ гузаронида мешавад. Гарчанде ки айни замон фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2013, №122-Ф «Дар бораи тасдиқи Тартиби гузаронидани хониши идоравии хизматчиёни давлатӣ» тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2013, №716 ба қайди давлатӣ гирифта шуда, мавриди амал қарор дода шудааст, қабули чунин санад дар қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин хотир, бо назардошти аҳаммияти ташкил ва гузаронидани омӯзишҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» сархати бисту дуюм бо чунин мазмун илова карда шавад:

«-тартиби гузаронидани омӯзишҳои идоравии хизматчиёни давлатиро таҳия ва тасдиқ менамояд;». Масъалаи мазкур ҳамчунин аз талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2016, №8 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016» бармеояд.

Дар қисми 3 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» талаботи тахассусӣ, ки ба шахсони довталаби мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод мегарданд, пешбинӣ карда шудааст. Бо назардошти он ки дар шароити кунунӣ масъалаи донистани забонҳои хориҷӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 3 сархати шашум бо чунин мазмун илова карда шавад: «- донистани забонҳои хориҷӣ;». Айни замон тибқи Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 (бо тағйиру иловаҳо аз 19.04.2017, №869; аз 18.02.2020, №1458; аз 01.04.2023, №544) ва Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 (бо тағйиру иловаҳо аз 6 августи соли 2019, №1330) тасдиқ карда шудаанд, сатҳи донистани забонҳои хориҷии довталабон ва хизматчиёни давлатӣ муайян ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳамзамон тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» бо мақсади тақвияти малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва сатҳи забондонии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ аз 1 апрели соли 2024 кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ба муҳлати яку ним сол ба омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ё забонҳои дигар) фаро гирифта мешаванд.

Тағйироти ба моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешниҳодшаванда ҷиҳати ба талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2021, №268 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ намудан ва соддаву фаҳмо гардонидани номи санади қабулшаванда равона карда шудааст.

Дар моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» савганди хизматчии давлатӣ пешбинӣ шуда, дар сархати панҷуми қисми 1 ифодаи «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам» нишон дода шудааст. Дар асоси моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Дар робита ба ин пешниҳод мегардад, ки дар сархати панҷуми қисми 1 калимаи «эътироф» ба калимаи «риоя» иваз карда шавад.

Айни замон фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2007, №33-Д «Дар бораи Тартиби

Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ» амал менамояд, вале қабули чунин санад низ дар қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ пешбинӣ карда нашудааст. Савгандёдкунии хизматчии давлатӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаро тақозо менамояд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қисми 6 бо чунин мазмун илова карда шавад: «6. Тартиби савганд ёд кардани хизматчии давлатиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.».

Дар қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ асоси қабул ё тасдиқи шаҳодатномаи хизматӣ ва нишони сарисинагии хизматчиёни давлатӣ мавҷуд набуда, танҳо дар сархати панҷуми қисми 1 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2007, №254 «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидааст, ки тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишони сарисинагии хизматчиёни давлатӣ ҷойгир карда мешавад. Таҳлили қонунгузории хизмати давлатии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон дод, ки масъалаи мазкур дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзо ба таври дақиқ пешбинӣ гардидааст. Масалан, моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 1 июни соли 2022, №175-З «Дар бораи хизмати давлатӣ» «Шаҳодатномаи хизматӣ ва нишони сарисинагии хизматчии давлатӣ» ном дошта, масъалаҳои мазкурро ба танзим даровардааст. Дар робита ба ин бо мақсади ба танзим даровардани тартиби додан, шаклу намуд ва дигар масъалаҳо вобаста ба шаҳодатномаи хизматӣ ва нишони сарисинагии хизматчиёни давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» моддаи $15^1$ бо номи «Шаҳодатномаи хизматӣ ва нишони сарисинагии хизматчии давлатӣ» илова карда шавад.

Бо мақсади иҷрои банди 7 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222) пешниҳод карда мешавад, ки сархати ҳаштуми моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «- агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 27, сархатҳои якум, чорум ва панҷуми моддаи 28, қисми 2 моддаи 29 ва моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад;».

Тағйироти мазкур ҷиҳати пешгирии фаъолияти шахсони тасодуфӣ дар мақомоти давлатӣ, бахусус дар бахши иқтисодӣ ва бознигарӣ кардани талаботи қонунгузорӣ дар самти ба кор қабул намудани шахсоне, ки қаблан таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, пешбинӣ гардидааст, зеро хизматчии давлатӣ бояд поктинат, дар ҷомеа дорои эҳтироми хос бошад ва бо рафторҳои худ обрӯю нуфузи мақомоти дахлдори давлатиро баланд бардорад.

Дар тағйироти пешниҳодшаванда касбият ва хизматҳои нафарони фаъолияткунанда, ки мутахассиси касбӣ буда, дар хизмати давлатӣ солҳои тӯлонӣ кору фаъолият намудаанд, қобилият, истеъдод ва дастовардҳои хизматӣ доранд, таҷрибаи зиёд дар соҳаи дахлдорро касб карда, ба рушди хизмати давлатӣ саҳм гузоштаанд, инчунин баъзеашон ба синни нафақа наздик шудаанд, ба назар гирифта шуда, ба модда ҳамчунин эзоҳ бо мазмуни зерин низ пешниҳод карда шудааст: «Эзоҳ: Талаботи сархати ҳаштуми моддаи мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани он ба мансабҳои давлатӣ таъин (интихоб) шудаанд, татбиқ намегардад.».

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо назардошти талаботи муосири хизмати давлатӣ ва мухолифат намудани баъзе аз муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (байни ҳам ва ба таҷриба) ба такмил ниёз дошта, зарурати таҷдиди назар намудани он тақозо карда мешавад. Бо мақсади мутобиқ гардонидани моддаи 19 ба сархати даҳуми қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 19 дар таҳрири нав ифода карда шавад.

Дар қисми 2 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ гардидааст, ки тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро Низомнома, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян менамояд. Бо мақсади дуруст ва содда ифода намудани номи санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми 2 моддаи 20 калимаҳои «Тартиб ва шартҳои» ба калимаи «Тартиби» иваз карда шавад.

Дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ гардидааст, ки тартиби пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатиро, ки маълумотро дар бораи хизматчиёни давлатӣ дар бар мегирад, мақоми ваколатдор дар соҳаи хизмати давлатӣ муайян менамояд. Бинобар сабаби дар таҳрири нав ифода намудани сархати дувоздаҳуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва якхела намудани мафҳумҳо зарурати дар таҳрири нав ифода намудани моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» тақозо карда мешавад. Дар робита ба ин пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав ифода карда шавад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» уҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз уҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд. Хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои 1-7 дастурмали мансабӣ дошта, уҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категирияи олӣ дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шуда, онҳо дар асоси тақсими вазифаҳо байни роҳбарияти мақомоти давлатӣ фаъолият менамоянд. Дар робита ба ин пешниҳод мегардад, ки ба қисми 2 моддаи 28

пас аз калимаи «давлатӣ,» калимаҳои «ба истисноӣ хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ,» ва дар қисми 3 баъд аз калимаи «сиёсӣ» калимаҳои «ва маъмурии категорияи олӣ» илова карда шуда, калимаи «низ» хориҷ карда шавад.

Моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» кафолатҳо барои хизматчии давлатӣ ном дошта, дар сархати чоруми қисми 1 моддаи мазкур кафолати таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус бо нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар, бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи таҳсил муқаррар карда шудааст. Дар асоси моддаи 19 таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ сурат мегирад. Бо назардошти дар таҳрири нав ифода намудани моддаи 19 пешниҳод карда мешавад, ки сархати чоруми қисми 1 моддаи 34 калимаҳои «таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус» ба калимаҳои «-тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос» иваз карда шаванд.

Дар моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» кафолатҳои хизматчии давлатӣ дар мавриди барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ муқаррар карда шудааст. Дар сархати панҷуми қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки хизматчии давлатӣ дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа бароянд. Шартҳои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, №595 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар карда шуда, дар он ду сол пеш аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа баромадани хизматчии давлатӣ пешбинӣ карда нашудааст. Дар робита ба ин пешниҳод карда мешавад, ки  сархати панҷуми қисми 2 моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хориҷ карда шавад.

Дар қисми 2 моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ гардидааст, ки ба собиқаи хизмати давлатӣ метавонанд дигар давраҳои фаъолияти меҳнатии шаҳрванд низ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шаванд. Бояд тазаккур дод, ки тартиби ҳисоб кардани фаъолияти меҳнатие, ки ҳамчун собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2008, №449 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ» (бо тағйиру иловаҳо аз 19.07.2019, №1288) муайян карда шудааст. Бо мақсади дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ намудани асоси қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 37 қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «3. Тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.».

Ҳамзамон, дар лоиҳаи мазкур талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2021, №268 тасдиқ карда шудаанд ва талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ, ки то ин вақт бознигарӣ шудаанд, ба назар гирифта шуда, як қатор мафҳумҳо ва номи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиқшаванда дар таҳрири нав ифода карда шудаанд.

Тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи мазкур аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудаанд, ошкор карда нашуд.

Қабули лоиҳа маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.

Дар робита ба асосҳои дар боло нишондодашуда лоиҳаи мазкур ба баррасии минбаъда пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон